ХУЛОСАИ НИҲОИИ
ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 9

Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 29.04.2023, № 9.2

Барои сазовор донистани Назарзода Наврузҷон Назар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат ба ҳимоя 25 феврали соли 2023, суратмаҷлиси № 9.1 аз тарафи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Назарзода Наврузҷон Назар 22 апрели соли 1992 таваллуд шудааст.

Соли 2014 зинаи бакалавриати Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро бо ихтисоси «Кори бонкӣ» ва соли 2016 зинаи таҳсилоти магистратураро аз рӯи ихтисоси “Молия ва қарз” хатм карда, соҳиби тахассуси иқтисодчӣ гаштааст.

Дар вазифаи ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодӣ Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Қодирзода Диловар Бахриддин – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
2. Муминова Нигина Равшановна – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» -и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон.

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи шуъбаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолии МД «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ», суратҷаласаи № 4 аз 03 апрели соли 2023 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, сардори  шуъбаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолии МД «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ», эксперт - н.и.и., дотсент Восиев Ф.М., ва котиби ҷаласа Ҳамдамова Н.У. имзо шуда, аз тарафи директори «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» санаи 06 апрели соли 2023 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи  Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааast, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Назарзода Наврузҷон Назар сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи хизматрасонӣ ва савдо, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки МД “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 11 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад:

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияиолии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1–М]. Назарзода Н.Н. Нақши бозори меҳнат дар рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] Н.Н Назарзода // Маҷаллаи  “Иқтисодиёти Тоҷикистон”. Душанбе , 2020. - №4(2). –С.147-151.

[2–М]. Назарзода Н.Н. Асосҳои назариявии шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнат [Матн] Ш.Б Ҷонмамадов, Н.Н. Назарзода. // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. “Молия ва иқтисод” Маҷаллаи илмӣ. Душанбе, 2021. – №4 (28). – С.65-72.

[3–М]. Назарзода Н.Н. Арзёбии динамикаи тағйироти сохтории аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] И.Р Иброҳимзода (Иброҳимов), Н.Н.Назарзода. // Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон”. Душанбе, 2020. - №2. – С. 144-154.

[4–М]. Назарзода Н.Н.Тамоюли раванди гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ, таҳлили иқтисоди – оморӣ[Матн] А.Ҳ.Миразизов, Н.Н. Назарзода // “Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон”. Душанбе, 2020. - №4(1). - С.202-210.

[5–М]. Назарзода Н.Н.Теоретические основы рынка труда и его роль в развитие национальной экономики [Матн] С.А. Азизов, Н.Н.Назарзода // Маҷаллаи “Идоракунии давлатӣ”. Паёми илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе , 2021. – №1 (50). – С. 80-89

[6–М]. Назарзода Н.Н.Хусусиятҳои бозори меҳнати минтақавӣ дар шароити рушди инноватсионӣ [Матн] Б.Ш. Ҷонмамадов, Н.Н. Назарзода // Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон”. Душанбе, 2021.- №4. – С. 56-66.

[7–М]. Назарзода Н.Н. Нақши омор дар ташаккул ва рушди малакаи касбии мутахассисони соҳаи иқтисодиёт[Матн] Н.Н. Солиев, Б.Н. Солиев, Н.Н. Назарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. “Молия ва иқтисод” Маҷаллаи илмӣ. Душанбе, 2022. – №2 (31). – С.50-56.

[8–М]. Назарзода Н.Н. Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] Н.Н. Назарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2022. – 4-2 (44) – С. 228-233.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмӯаи маводи конфронс:**

[9 –М]. Назарзода Н. Регулирования рынка труда и его роль в развитие экономики [Матн] Н.Н. Назарзода// Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ - амалии онлайнӣ таҳти унвони “Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: тамсилаҳои муосири самаранокии он” - Душанбе, 5 – 6 марти соли 2021. - С. 441-445.

[10–М]. Назарзода Н.Н. Таҳлили коҳишёбии шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] Н.Н. Назарзода// Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «конфренсияи байналхалқии илмию амалӣ дар мавзӯи «амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ». – Душанбе, 13-уми октябри соли 2020. – С. 558-562.

[11–М]. Назарзода Н.Н. Таҳлили бекорӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ [Матн] Н.Н. Назарзода// Маҷмӯи мақолаҳои магистрантон, докторантони phd, унвонҷӯён ва олимони ҷавон: АМИТ, Институти иқтисодиёт ва демография. – Душанбе: КВД «МАТБАА», 2021. - С 228-233.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо зерин ворид шуданд:**

1. **Ризоқулов Турақул Рабимқулович.** - д.и.и., профессор муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, ва бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1) Дар автореферат дар бораи тамсилаи омилии сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул қайд гардидааст. Агар муаллиф дар назардошти имконият мазмуни иқтисодии тамсилаи таҳиягардидаро ба таври муфассал шарҳ медод, он гоҳ сифати таҳқиқот дар автореферат боз ҳам пурмуҳтаво мегардид; 2) Маълумот оид ба натиҷаи дурнамои арзёбии нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи баррасишаванда дар автореферат пешниҳод нагардидааст.
2. **Раҳматзода Ҳайдар Бобо** - д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1) Дар автореферати тақризшаванда барои ҳисоби сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул дар кадом ҳолат нишондиҳандаи шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат ва дар кадом маврид нишондиҳандаи шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол истифода бурда мешаванд, шарҳ дода нашудааст; 2) Агар дар матни автореферат андозаи тағйирёбии нишондиҳандаи умумии гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҳисоби тағйирёбии ҷалби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти кишварҳои хориҷӣ ва аз ҳисоби тағйирёбии ҷалби шумораи шаҳрвандони хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешуд, он гоҳ сифати арзёбии шуғли пурмаҳсул боз ҳам меафзуд.
3. **Асоев Муфаррах** - н.и.и., дотсент мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллӣ академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1) Муаллиф дар боби сеюм таҳлили омилии сатҳи шуғли пурмаҳсулро пешниҳод мекунад, аммо дар автореферат ба таври ҷиддӣ ва дақиқ таҳлили омилӣ ба роҳ монда нашудааст; 2) Муаллиф методикаҳои муосири омориро барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои диссертатсия истифода накардааст.
4. **Сайфуллоева Олга** - н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии донишгоҳи давлатии хоруғ ба номи Моёншоҳ Назаршоев, бо чунин эродҳо: 1) Агар муаллиф дар автореферат муҳтавои “динамикаи тағйироти маҷмӯи сохтории шуғли пурмаҳсулро дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт” муфассал дарҷ мегардонид, он гоҳ идроки мафҳуми зикршуда барои ҳар муҳаққиқи илмӣ равшан мегардид; 2) Дар ҷадвали 1 коэффитсиенти шиддатнокӣ барои солҳои 2014 – 2020 ҳисоб карда шудааст. Лекин тартиби ҳисоби коэффитсиенти мазкур дар автореферати диссертатсия дарҷ нагардидааст.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- дар доираи бозори меҳнат мухтаво, ҷанбаҳои методии арзёбии нишондиҳандаҳо, тамоюл ва хусусиятҳои рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ муайян карда шудааст;

- ҷиҳати арзёбии миқдорӣ, тавсифи амиқ ва ҳамаҷонибаи шуғли устувори пурмаҳсул низоми нишондиҳандаҳои иқтисодию оморӣ таҳия карда шудааст;

- динамикаи тағйироти маҷмӯи сохтории шуғли пурмаҳсул дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ арзёбӣ гардидааст;

- сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул тавассути истифодаи усули бисёрченаи муқоисавӣ андозагирӣ карда шудааст;

- натиҷаи таҳлили ҳолати бозори меҳнати дохилӣ дар шароити коҳиш гардидани муҳоҷирати меҳнати беруна арзёбӣ карда шудааст;

- тамсилаи сатҳи аҳолӣ аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул бо назардошти омилҳои асосии таъсиррасон таҳия карда шудааст;

- дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027 таҳия гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- муҳтавои асосии шуғли пурмаҳсул дар доираи бозори меҳнат аз "нигоҳи иқтисодӣ" асосноккунонида шудааст;

- барои арзёбии миқдорӣ, тавсифи амиқ ва ҳамаҷонибаи шуғли устувори пурмаҳсул низоми нишондиҳандаҳои иқтисодию оморӣ пешниҳод шудааст.;

- тавассути истифодаи усули таҳлили бисёрченаи муқоисавӣ рейтинги ҷамъбастии рушди шуғли устувори пурмаҳсул муайян карда шудааст;

- асоснок карда шудааст, дар ҳолати таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар кишвар, талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ муътадилан афзуда, дараҷаи шуғли аҳолии дар иқтисодиёт фаъол дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт зиёд мегардад, ки чунин ҳолат ба коҳишёбии сатҳи бекорӣ ва рушди истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар кишвар сабаб мегардад;

- динамикаи тағйироти сохтории аҳолии машғул дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт арзёбӣ карда шудааст;

- ҷиҳати муқаррар кардани алоқа ва таъсиррасонии омилҳои асосӣ ба нишондиҳандаи сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул тамсилаи иқтисодию омории вобаста аз нишондиҳандаҳои омилҳои асосии таъсиррасон тавассути коэффитсиентҳо таҳия гардидааст;

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқот дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, инчунин дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода мешаванд.

- тавсияҳои амалӣ ва усулҳои методии коркардшуда зимни таълими курсҳои махсуси лексионӣ, навиштани дастурҳои амалӣ дар мактабҳои олии таҳсилоти олӣ, ки иқтисодчиёни ояндаро тайёр менамоянд, метавонад истифода бурда шаванд.

- муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар коркарди курсҳои таълимии «Иқтисодиёти меҳнат», «Бозори меҳнат», «Омори бозори меҳнат» ва ғайра ба сифати мавод метавонад хизмат расонад.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- муқаррароти илмии дар диссертатсия мавҷудбуда ба консепсияҳои мактабҳои классикӣ, неоклассикӣ, марксистӣ, кейнсиансӣ, монетаристӣ, синтези неоклассикӣ ва муосири неоклассикӣ асос ёфтааст;

- ғояи таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла, интихоби мавзӯъ, асосноккунонии мубрамият, мақсад ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст;

- муҳтавои асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ баррасӣ карда шудааст;

- аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 5,2 ч.ч, аз ҷумла, 8 мақолаи дар нашрияҳои аз тарафи КАО -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда мунташир шудааст.

Дар маҷлиси шӯрои диссертатсионӣ аз 29 апрели соли 2023 қарори сазовор донистан Назарзода Наврузҷон Назар бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шӯрои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шӯро 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор –14 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии шӯрои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

**Санаи барасмиятдароии хулоса**
**29 апрели соли 2023**